*«Тасдиқ мекунам»*
*Ректори МТҒ "Донишкадаи*
*тиббӣ –иҷтимоии Тоҷикистон"*
*_______________н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.*
*«01» _____11_____ соли 2021,№ 3а*

**Низомномаи шуъбаи робитаҳои байналмилалии**
**Муасиссаи таълимии ғайридавлатии**
**"Донишкадаи тиббӣ –иҷтимоии Тоҷикистон "**

**Душанбе -2021**

**Низомномаи**
**Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ**

## I. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи **Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ** дар заминаи ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таълимии маълумоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи МТҒ "Донишкадаи тиббӣ –иҷтимоии Тоҷикистон " таҳия гардидааст.

1.2. Фаъолияти **Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ** ба манзури татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, Оинномаи Донишкада, қарори Шӯрои олимон ва фармону дастурҳои ректори Донишкада ва ҷиҳати тадриҷан беҳтар кардани сифати таълим, такмили низоми идоракунии донишкада, ҷустуҷӯйи роҳҳо ва усулҳои пешқадами ба роҳ мондани робитаҳои байналмилалӣ, беҳтар намудани таълим, инчунин истифодаи технологияи инноватсионӣ дар ҷараёни таълим ба роҳ монда мешавад.

1.3. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур бо тавсияи Ректори донишкада тибқи қарори Шӯрои олимони Донишкада ворид карда мешавад.

1.4. Шуъбаи робитаҳои байналмилалиро сардори Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ роҳбарӣ менамояд.

## II. Вазифаҳои асосӣ ва уҳдадориҳои шуъба

2.1. Барқарорсозӣ ва рушди алоқаҳои самараноки ҳамкории муфид бо муассисаҳои таълимӣ ва илмии ҷаҳон, тайёр кардани барномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҳамкорӣ дар соҳаи илм, маориф ва фарҳанг, аз ҷумла:

- иштирок дар коркарди созишномаҳо, барномаҳои корӣ, лоиҳаҳо бо ҳамкорони хориҷӣ, назорат аз рӯи иҷрои онҳо;
- гузаронидани конфронсҳои илмию амалӣ, симпозиумҳо, семинарҳо ва намоишгоҳҳо дар пояи донишкада;

- фиристодани устодон, аспирантон ва донишҷӯёни донишкада ба хориҷа барои таҳсил, таҷрибаомӯзӣ ва мубодилаи таҷриба;

- ба донишкада даъват намудани мутахассисони баландихтисоси хориҷӣ барои гузаронидани лексияҳо, машваратҳо ва тадқиқотҳои муштараки илмӣ, расонидани ёрии методӣ дар мукаммалсозии сохтор ва низоми таълим;

- батартибдарорӣ ва баҳосибгирии даъвати мутахассисони хориҷӣ, ташкили қабули ҳайати вакилони хориҷӣ, ки ба донишкада дар сатҳи

раёсат ташриф меоранд, тайёр намудани барномаҳои боздид ва лоиҳаи хароҷотҳо доир ба қабули ҳайати вакилон;

2.2. Татбиқи чораҳо оид ба васеъсозии содироти хидматгузориҳои маълумотнокӣ, аз ҷумла:

- амалӣ сохтани ҳамкории мутақобила бо мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони воқеӣ аз рӯи масъалаҳое, ки ба робитаҳои байналмилалӣ, боздид ва таҳсили шаҳрвандони хориҷӣ алоқаманданд;

2.3.Таъмини амаликунии мутақобилаи қисматҳои сохтории донишкада дар соҳаи ҳамкории байналмилалӣ, аз ҷумла:

- тайёр намудани пешниҳод оид ба муайянсозии самтҳои афзалиятноки фаъолияти байналмилалии донишкада;

- тайёр намудан ва таҳлили ҳуҷҷатҳое, ки фаъолияти байналмилалиро дар донишкада ба тартиб медароранд (низомномаҳо, фармонҳо, тавсияҳои методӣ ва ғайра), инчунин самаранокии сафарҳои корӣ ба хориҷа;

- мутобиқгардонии кори қисматҳои донишкада оид ба иштирок дар барномаҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ;

- расонидани ёрии методӣ дар асоси омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ба қисматҳои сохтории донишкада оид ба коркарди барномаҳо ва нақшаҳои таълимию методӣ, масъалаҳои тайёр кардани мутахассисон барои давлатҳои хориҷӣ, инчунин гузаронидани чорабиниҳои байналмилалӣ.

## III. Ҳуқуқҳои шуъба

3.1. Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ тамоми фаъолияти донишкадаро, ки ба алоқаҳои байналмилалӣ иртибот дорад, роҳбарӣ ва мувофиқа менамояд.

3.2. Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ ҳуқуқ дорад:

- масъалаи ҳамкориҳои байналмилалиро, ки бо фаъолияти робитаҳои хориҷии донишкада вобаста аст, бо намояндагони мақомоти салоҳиятдори идораи давлатӣ, сафоратхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ, корхонаҳо, фондҳо ва дигар ташкилотҳои хориҷӣ муҳокима намояд, бо онҳо гуфтушунидҳо ва мукотиба гузаронад;

- тавассути зерсохторҳои худ аз факултетҳо ва шуъбаҳои донишкада маълумотҳои зарурӣ ва ахбор оид ба иҷрои ҳуҷҷатҳои амрдиҳанда, дастурҳо, низомномаҳо, супоришҳоеро, ки ба ташкил ва амалисозии алоқаҳои байналмилалӣ ва таълими шаҳрвандони хориҷӣ алоқаманданд, талаб намояд;

- ба роҳбарияти донишкада оид ба масъалаҳои рушди боэътимоди алоқаҳои байналмилалӣ, иштирок дар конфронсҳо ва дигар чорабиниҳо дар соҳаи алоқаҳои байналмилалӣ пешниҳод ирсол намояд.

## IV. Муносибатҳои мутақобилаи (алоқаҳо аз рӯи вазифаҳои хидматӣ) Шуъба

4.1. Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ бевосита ба ректори донишкада итоат менамояд.

4.2. Шуъба дар ҳудуди салоҳияти худ алоқаи бевоситаро бо раёсат, кафедраҳои донишкада, Раёсати равобити байналмилалии Вазорати маориф ва илм, мақомоти ҷумҳуриявии идораи давлатӣ, ки муассисаҳои таҳмилоти олӣ касбӣ ба он итоат менамояд, бо қисматҳое, ки оид ба алоқаҳои байналмилалӣ дар дигар муассисаҳо ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул ҳастанд, амалӣ менамояд.

## V. Баҳогузории фаъолият ва ҷавобгарӣ

5.1. Баҳогузории фаъолияти шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ дар асоси иҷрои қисматҳои мувофиқи нақшаи рушди донишкада, бадастории нишондиҳандаҳои содироти хидматгузориҳои маълумотнокӣ, ки барои макотиби олӣ муқаррар карда шудааст, гузаронида мешавад.

5.2. Ҷавобгарии пурра оид ба сифат ва иҷрои саривақтии вазифаҳо ва фаъолияти шуъба ба зиммаи Сардори шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ оид ба робитаҳои байналмилалӣ вогузошта мешавад.

5.3. Дараҷаи ҷавобгарии дигар кормандони Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ мувофиқи дастурҳои фаъолияти меҳнатӣ муқаррар карда мешавад.

Низомнома дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада “ 24” 11 соли 2021 (суратҷаласаи № 4/4-1) баррасӣ гашта, ҷонибдорӣ карда шудааст.